# ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи Саидзода Баҳрулло Хол дар мавзӯи «Тадқиқи хусусиятҳои психологии шахсияти наврасону навҷавонони майл ба худкушидошта (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050300-Психология

Мушоҳидаҳои солҳои охир нишон медиҳад, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон шумораи афроди худкушикунанда рӯ ба афзоиш аст, ки раванди тарбияро боз ҳам мураккам мегардонад. Зеро наврасону навҷавонон барои ҳар як нокомиашон ва сарзаниши калонсолон дар ҳолати қаҳру ғазабе, ки аз хусусиятҳои синну солии онҳо дарак медиҳад ҳамчун тақлид ё пайравӣ дигарон, даст ба худкушӣ мезананд. Худкушии наврасону навҷавонон бештар маврид аз ҳисоби қонеъ нашудани талаботҳои психологӣ сурат мегирад. Худкушии наврасону навҷавонон аз худкушии калонсолон моҳиятан фарқкунанда аст. Аз ин лиҳоз, мавзӯи диссертатсия яке аз мавзӯъҳои муҳим ва муосир дар замони ҳозира ба шумор меравад. Муҳимияти мавзӯи мазкур дар он аст, ки барои саломатии равонии наврасону навҷавонон аҳамияти судманд дорад. Инчунин, барои пешгири намудани худкушӣ ва коҳиш додани ин амали насли наврас аз аҳамият холӣ нест.

Муаллиф дар кори худ қайд намудааст, ки тадқиқотҳои мавҷудаи психологии имрӯза одатан, 3 гурӯҳи ҳодисаҳоро ҷудо мекунанд, ки ба олами рӯҳии инсон таъсири худро мерасонад. Ба онҳо ҳодисаҳои табиӣ, ҳодисаҳои ҷамъиятӣ (нашъамандӣ, майзадагӣ, камбизоатӣ, зӯроварии иқтисодӣ, зӯроварии шаҳвонӣ, бемории СПИД ва ғ.) ва ҳодисаҳои психикӣ (тарс, зӯроварии психологӣ, хобҳои даҳшатнок, стресс, фрустратсия, депрессия, ихтилоли равонӣ, бемориҳои рӯҳӣ ва ғ.) дохил мешаванд. Ҳамаи ин ҳодисаҳои номбаршуда ба авзои рӯҳии инсон таъсир бахшида,

зарбаҳои рӯҳӣ расонда, осебҳои рӯҳиро низ ба вуҷуд меоваранд, ки дар ин замина шахс худкушӣ менамояд.

Фасли аввали диссертатсия «Тавсифи назариявии хусусиятҳои психологии наврасону навҷавонони майл ба худкушидошта» ба омӯзиши таърих ва таҳлили назариявии хусусиятҳои психологии наврасону навҷавонони майл ба худкушидошта бахшида шудааст. Дисертант дар зерфасли мазкур таҳқиқотҳои мутафаккирони як қатор риштаҳои илмиро мавриди таҳлилу баррасӣ қарор додааст. Инчунин муаллиф кӯшиш намудаст, ки моҳият, мазмуну муҳтавои намудҳои худкуширо вобаста ба синну сол ва ҷинсият ошкор намуда, сабабу омилҳои мусоидкунанда ба амали худкушии наврасону навҷавононро таҳлилу баррасӣ намуда, хулоса барорад.

Фасли дуюми рисоларо «Тадқиқи амалии хусусиятҳои психологии наврасону навҷавонони майл ба худкушидошта» дар бар мегирад. Муаллиф дар ин фасл як қатор методикаҳоро ба забон ва фарҳангӣ тоҷикӣ мутобиқ (адаптатсия) намудааст, ки дар илми психология тоҷик аввалин навоварии илмӣ маҳсуб меёбад. Зеро мутобиқ намудани методикаҳо дар илми психология солҳо боз мушкилоти психологияи амалӣ маҳсуб меёфт. Инчунин дар баробари мутобиқнамоии методикаҳои тадқиқотчӣ, тавассути методҳои мутобиқ намудааш ба омӯзиши хусусиятҳои психологии шахсияти наврасону навҷавонони майли худкушидошта даст зада, як қатор хусусиятҳои фардии онҳоро ошкор намудааст. Натиҷаҳои аз тадқиқот бадаст овардаи муаллиф аввалин маводи таълимӣ-итиллоотӣ ба забони тоҷикӣ мебошад.

Дар баробари дастовардҳои шоёни илмии диссертант зикр намудан ба маврид аст, ки дар автореферат мавҷудияти ғалатҳои имлоӣ ва техникӣ ба чашм расид. Ислоҳи онҳо ба салоҳи кори диссертант аст.

Ғалату иштибоҳоти номбурда ҷузъӣ буда, ба ҳеҷ ваҷҳ арзиши илмии диссертатсияро кам намекунад.

Автореферат ба талабот ҷавобгӯ буда, муҳтаво ва мазмуни он фарогири мухтасари бобҳо ва зербобҳои рисолаи таҳқиқотӣ мебошад. Аз

ин лиҳоз ба хулоса омадан мумкин аст, ки муҳаққиқ дар таҳлилу баррасӣ ва омӯзиши ҷанбаҳои психологии мавзӯи таҳқиқотии хеш ба ҳадаф расидааст.

**Муқарриз: номзади н.и.п., дотсент, мудири кафедраи педагогика ва психология ДДЗТ ба номи С. Улуғзода** **Ошимова М.М.**

**Имзои н.и.п., дотсет М.М. Ошимоваро тасдиқ менамоям**
**Сардори Шуъбаи кадрҳои ДДЗТ ба номи С. Улуғзода** **Наҷмуддинов Ш.**


**Суроғаи муассисаи тақриздиҳанда:**
734063 Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш.Душанбе,кучаи Мухаммадиева,
17/6 Дониишкадаи давлатии
забонҳо ба номи С. Улуғзода
**Телефон:** +992 8372320000(раб.);
+992 919449643 (моб.)